БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Роҳнамо

## оид ба маҳсулоти молиявӣ
## аз рӯйи принсипҳои иқтисоди сабз

Душанбе 2025

**лоиҳа**

Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___» ________с. 20   №___
«тасдиқ шудааст»

# Роҳнамо оид ба маҳсулоти молиявӣ аз рӯйи принсипҳои иқтисоди сабз

Роҳнамо оид ба маҳсулоти молиявӣ аз рӯйи принсипҳои иқтисоди сабз (минбаъд – Роҳнамо) дар робита ба Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №482 тасдиқ шудааст, бо мақсади муайян намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии сабз барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ таҳия гардида, хусусияти тавсиявӣ дорад.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Роҳнамои мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд:

– **иқтисоди сабз –** модели нави иқтисодӣ буда, афзалиятнокии технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, хизматрасонӣ дар соҳаи таъминоти об ва нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза, зарурати идоракунии партовҳо, бунёди биноҳои сабз, кишоварзии босубот ва муносибати инсонро нисбат ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар бар мегирад;

– **маблағгузории устувор –** раванди ба инобат гирифтани омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ, иқлимӣ ва идоракунӣ ҳангоми қабули қарорҳои маблағгузорӣ дар бахши молиявӣ мебошад, ки боиси маблағгузорӣ ба фаъолият ва лоиҳаҳои устувори иқтисодӣ мегардад, инчунин ба ҷалб ва истифодаи захираҳои молиявӣ барои лоиҳаҳо ва ташаббусҳои ноил шудани рушди устувории экологӣ, коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад;

– **бонкдории сабз –** фаъолияти бонкие, ки ба маблағгузории лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист тавассути пешниҳоди маҳсулоти гуногуни молиявӣ, аз

қабили сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сабз, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сабз, дастгирии рушди устувор ва ташаббусҳои экологӣ, лоиҳаҳои коҳиш додани тағйирёбии иқлим, аз ҷумла энергияи барқароршаванда ва барномаҳои истифодаи самаранокии энергия равона карда шудааст;

– **Стандартҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ (минбаъд – ЭИИК (Environmental, Social and Governance (ESG)) –** стандартҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд-ТҚМ) ва ташкилотҳои суғуртавӣ (минбаъд-ТС) дар фаъолияти худ онҳоро риоя намуда, стандартҳои зеринро дар бар мегиранд:

– стандартҳои экологӣ - пешгирии таъсири манфии фаъолияти ТҚМ ва ТС ба муҳити зист, иқлим, табиат ва экология дар раванди истифодаи захираҳои табиӣ;

– стандартҳои иҷтимоӣ - ба роҳ мондани ҳамкории ТҚМ ва ТС бо кормандон ва ҷомеаи маҳаллӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнатӣ, таъмини бехатарии меҳнат, ҳифзи саломатии кормандон ва таъмини баробарии гендерӣ;

– стандартҳои идоракунӣ - роҳандозии идоракунии корпоративии самаранок дар фаъолияти ТҚМ ва ТС бо мақсади пешгирии хавфҳо, таъмини шаффофият ва ифшои иттилоот дар хусуси татбиқи стандартҳои ЭИИК;

– **вомбаргҳои сабз –** коғазҳои қиматноке, ки аз ҷониби эмитент барои маблағгузорӣ ё бозтамвили (пурра ё қисмани) лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва беҳбудии вазъи экологӣ бароварда мешаванд;

– **маҳсулоти молиявии сабз** – маҳсулот ва хизматрасонии ТҚМ ва ТС, ки аз рӯйи принсипҳои иқтисоди сабз тасниф ва таҳия мешавад;

– **пасандози сабз –** пасандози муҳлатнок, ки ҳамчун воситаҳои пулии ҷойгирнамудаи муштариён танҳо барои лоиҳаҳои сабз (аз ҷиҳати экологӣ тоза), яъне коҳиш додани таъсир ба муҳити зист, соҳаи кишоварзӣ, энергияи барқароршаванда, саноати тоза ва ғайра пешбинӣ мегардад;

– **қарзҳои сабз –** қарзҳое, ки барои самтҳои экологӣ, яъне марбут ба соҳаи кишоварзӣ, энергияи барқароршаванда, саноати тоза ва ғайра равона шудаанд;

– **кишоварзии сабз –** қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти имрӯза ва оянда бо роҳҳои нарасонидани зарар ба муҳити зист, инчунин коҳиш додани хароҷоти захираҳои табиӣ;

– **энергияи сабз (энергияи барқароршаванда) –** энергияи аз захираҳои табиӣ ҳосилшуда, ки дар миқёси ҷаҳон барқароршаванда ё

тамомнашаванда мебошад, (энергияи барқароршаванда аз захираҳои табиӣ – нури офтоб, ҷараёни об, шамол ва ғайра);

– **саноати тоза –** корхонае (саноате), ки партовҳои зарарнокро (дуд, садо, буйи бад ва ғайраро) ба муҳити зист ихроҷ намекунад;

– **суғуртаи сабз/ё устувор –** истифодашавии хизматрасониҳои суғуртавӣ бо мақсади коҳиш додани хавфу хатарҳо, таҳияи қарорҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии тиҷорат ва саҳмгузорӣ ба чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист (беҳтар намудани экология ва мубориза бо тағйирёбии иқлим) ва масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад.

## 2. ҲАДАФИ МАБЛАҒГУЗОРИИ САБЗ

2. Ҳадафи асосии маблағгузории сабз кам кардани партовҳо, беҳтар намудани сатҳи идоракунии газҳои гулхонаӣ ва коҳиши осебпазирии онҳо, нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани муносибати инсон бо муҳити зист, сарфаи энергия, пешгирӣ ва барқарорсозии обҳои хушкшуда ва ҷангал, зиёд кардани самаранокии истифодаи захираҳо ва дар маҷмуъ таъмини амнияти экологӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ бо роҳи самаранок ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, мусоидат ба раванди барориши вомбаргҳои сабз ва додани қарзҳои сабзро дар бар мегирад.

3. Маблағгузории сабз ба ҳама соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ алоқаманд буда, аз ҷумла маблағгузорӣ, суғурта, бонкдорӣ, ҳисобдорӣ, тиҷорат, машваратҳои иқтисодӣ ва молиявиро фаро мегирад. Ҳангоми қабули қарорҳои марбут ба тиҷорат ё маблағгузорӣ дар асоси меъёрҳои ЭИИК, ки ба манфиатҳои дарозмуддати муштарӣ ва ҷамъият алоқаманд мебошанд, бартарӣ дода мешавад.

## 3. МЕТОДОЛОГИЯИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒГУЗОРИИ САБЗ

4. Маблағгузории сабз қисми маблағгузории устувор, воситаи мусоидат ба ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи захираҳои табиӣ тавассути кам намудани истифодаи захираҳо (масалан, неруи барқ, об, аз байн бурдани муомилоти коғазӣ ва ғайра) барои фаъолияти минбаъда мебошад. ТҚМ маблағгузории сабзро бояд бо истифодаи технологияҳои сабз дар дигар бахшҳо тавассути маҳсулоти қарзии худ истифода намоянд. Ин ба қарздиҳии бонкҳо/лоиҳаҳое вобаста аст, ки таъсири манфии берунаи экологиро коҳиш медиҳанд ё ба таъсири мусбати беруна дар доираи муҳити зист мусоидат

намоянд. Ҳамин тариқ тасдиқ ё дастгирии ташаббусҳои сабз тавассути воситаҳои молиявии бонкҳо амалӣ мешавад.

5. Маҳсулоти молиявии сабз маҳсулот ва хизматрасонии ТҚМ ва ТС мебошанд, ки аз рӯйи принсипҳои иқтисоди сабз тасниф ва таҳия мешаванд.

6. Маблағгузории устувор раванди ба инобат гирифтани омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ, иқлимӣ ва идоракунӣ ҳангоми қабули қарорҳои маблағгузорӣ дар бахши молиявӣ мебошад, ки боиси маблағгузорӣ ба фаъолият ва лоиҳаҳои устувори иқтисодӣ мегардад, инчунин ба ҷалб ва истифодаи захираҳои молиявӣ барои лоиҳаҳо ва ташаббусҳои ноил шудани рушди устувории экологӣ, коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад.

7. Маблағгузории сабз барои зиёд намудани сатҳи гардиши молиявӣ (аз ТҚМ ва ТС) дар бахшҳои давлатӣ, хусусӣ ва ғайритиҷоратӣ бо афзалиятҳои рушди устувор равона гардидааст.

8. Ҳангоми пешниҳоди қарз ё дигар хизматрасонии молиявӣ бояд арзёбии давраи ҳаётии маҳсулот (Life cycle assessment (LCA)) ба назар гирифта шавад. Яъне, маҳсулот ва дигар хизматрасонии сабз дар давраи ҳаёти худ ба муҳити зист фоидаовар бошад.

## 4. БОНКДОРИИ САБЗ

9. Фаъолияти «бонкдории сабз» ба панҷ самти асосӣ равона гардидааст: маблағгузории сабз, чорабиниҳои экологӣ (андозагирии партовҳои карбондор), ЭИИК, маркетинги сабз-огоҳӣ/дарки фаҳмиш, ҳисобот ва ифшои масъалаҳои муҳити зист.

10. Бонкдории сабз ба таври умум ба амалияҳои бонкие равона гардидааст, ки таҷрибаи маблағгузории аз ҷиҳати экологӣ безарар ва равандҳои дохилии аз ҷиҳати экологӣ устуворро пешбинӣ мекунанд ва партови газҳои гулхонаиро коҳиш медиҳанд.

11. Бонкдории сабз равиши дутарафаро дар бар гирифта, ба табдилдиҳии сабзи амалиёти дохилии ТҚМ равона шудааст ва ТҚМ роҳҳои мувофиқи истифодаи маҳсулоти гуногуни сабз/лоиҳаҳо, автоматикунонӣ ва дигар чораҳои ба ҳадди ниҳоӣ коҳиш додани газҳои гулхонаиро дар фаъолияти худ бояд ҷорӣ намоянд.

12. ТҚМ ба маблағгузории аз ҷиҳати экологӣ устувор афзалият дода, ҳамзамон метавонанд баҳодиҳии хавфҳои экологиро пеш аз қабули қарор дар бораи маблағгузорӣ, дастгирӣ ва мусоидат ба рушди лоиҳаҳои сабзи дарпешистода ба инобат гиранд. Маҳсулот ва хизматрасонии сабз воситаи

муҳимми пешбурди рушди устувор ва мубориза бо тағйирёбии иқлим мебошад. ТҚМ дар дастгирии лоиҳаҳои экологӣ ва гузариш ба моделҳои устуворӣ иқтисодӣ тавассути пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонӣ нақши калидӣ доранд.

13. Маҳсулот ва хизматрасонии сабзи молиявӣ ба рушди устувор мусоидат намуда, ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист равона гардидаанд. Аз ҷумла: қарзҳои сабз, вомбаргҳои сабз, фондҳои сармоягузории сабз, пасандозҳои сабз, кортҳои кредитӣ ва дебитии сабз, қарзҳои ипотекии сабз ва ғайра.

14. Амалисозии принсипҳои маблағгузории сабзи соҳаи кишоварзӣ ба афзоиши сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар самти обёрӣ, истифода ва идоракунии оқилонаи захираҳои замин, пешгирии бадшавии ҳолати мелиоративии заминҳо ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, даромаднокӣ ва ҳосилнокӣ мусоидат менамояд.

15. Маблағгузории сабзи соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ТҚМ метавонанд барои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди гармхонаҳо, низоми (системаи) обёрии қатрагӣ дар талу теппаҳо, бунёди боғҳо дар нишебиҳо, боғҳои анъанавӣ (дар талу теппаҳо), боғу токҳои интенсивӣ (дар ҳамворӣ), терасакунӣ, кандани заҳбурҳо, инчунин хариди техникаи кишоварзӣ (техникаҳои нави кишоварзӣ), аз қабили тракторҳо, комбайнҳо, таҷҳизоти соҳаи коркарди шир ё дигар самтҳои ба ин монанд қарз пешниҳод намоянд.

16. Маблағгузории соҳаи чорводорӣ ё паррандапарварӣ барои нигоҳубини чорвою парранда бо истифода аз технологияҳои муосир, ки истифодаи он метавонад таъсири газҳои гулхонаиро ба муҳтити зист коҳиш диҳад, равона мегардад.

17. Маблағгузории кишоварзии сабз ба пешбурди кишоварзии устувор тавассути тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим равона шудааст. Маҳсулнокии маҳсулоти кишоварзиро махсусан дар минтақаҳои лалмӣ мутобиқ ба кишоварзӣ, идоракунии сифати хок ва сарфаи синергетикии захираҳо беҳтар кардан лозим аст.

18. Соҳаҳои кишоварзии сабз: (бо истифода аз моддаҳои биологӣ)

- зироаткорӣ;
- боғдорӣ;
- занбурпарварӣ;
- моҳипарварӣ;
- нигоҳдории ҳосили зироатҳо;
- воситаҳои обёрӣ;

- асбобҳои кишоварзӣ;
- хоҷагии ҷангал;
- истифодаи замин;
- ва ғайра.

19. Маблағгузории соҳаи энергияи сабз (барқароршаванда). Ба ин, энергияи ҷараёни обҳои дарёҳо, обанборҳои табиӣ ва сунъӣ, энергияи офтоб, энергияи бод, энергияи обҳои гарми зеризаминӣ, биомасса дар шакли партовҳои саноатӣ, кишоварзӣ, ҷангал ва амсоли инҳо дохил мешавад.

20. Маблағгузории соҳаи энергияи сабз метавонанд барои панелҳои офтобӣ, сардхонаҳо, барои нигоҳдории гармӣ дар изолятсияи биноҳо, обгармкунакҳои офтобӣ, техникаҳои маишии каммасрафи барқӣ ва дигар самтҳои ба ин монанд равона гардад.

21. ТҚМ бо риояи талаботи муқарраршуда метавонанд ба ин самтҳои афзалиятнок маблағгузорӣ намоянд.

22. Энергияи барқароршаванда – энергияест, ки аз манбаъҳои табиӣ ба даст меояд ва ба он дохил мешавад:

- панелҳои офтобӣ;
- шабакаҳои офтобӣ;
- паркҳои офтобӣ;
- низоми насосии обёрии офтобӣ;
- корхонаи истеҳсолии фотоэлектрикҳои офтобӣ;
- низоми офтобии хонагӣ;
- насосҳои офтобӣ барои оби нушокӣ;
- сардхонаҳо бо неруи офтобӣ;
- неругоҳҳои биогазӣ;
- неругоҳҳои барқии бодӣ (шамолӣ);
- неругоҳҳои барқии обӣ;
- истгоҳи сайёри барқгирӣ;
- нақлиёти барқӣ.

23. Маблағгузории соҳаи нақлиёт (нақлиёти тоза, камкарбон, инфрасохтори нақлиёти тоза), яъне соҳае, ки намудҳои зерини нақлиётро танҳо бо истифода аз манбаъҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бар мегирад: қувваи барқи кашиш, гази табиӣ (аз ҷумла биометан), гидроген ва ҳуҷайраҳои сӯзишворӣ, энергияи барқ, энергияи офтоб, сӯзишвории биологӣ, инчунин нақлиёти ғайримоторӣ.

24. Маблағгузории соҳаи саноати сабз (саноати тоза), соҳае, ки самаранокии истифодаи устувории захираҳоро дар раванди истеҳсол

бартарият дода, рушди саноатро бо мақсади ҳифзи экология ва манфиат ба ҷомеа таъмин менамояд.

25. Маблағгузории корхонаҳои саноатие, ки сатҳи пасти хавфро доро мебошанд (мувофиқ ба Environmental and Social Due Diligence (ESDD) - ташхисҳои экологӣ ва иҷтимоӣ):

- корхонаи саноатии маҳсулоти растанӣ;
- корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки сад фоиз аз ҳисоби ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият менамояд;
- ҳунарҳои мардумӣ;
- коркард ва истеҳсоли асал;
- истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ;
- истеҳсоли таҷҳизоти кишоварзӣ;
- истеҳсоли нуриҳои органикӣ;
- саноати коркарди сабзавот, меваҷот ва ғайра.

26. Ипотекаи сабз маблағест, ки аз ҷониби ТҚМ барои сохтмон ё хариди амволе, ки ба меъёрҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза мувофиқ аст, дода мешавад.

27. Қарзҳои ипотекаи сабз мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии монанди LEED/ASHRAE/IES/USGBC ва ғайра дода мешаванд.

28. Маблағгузории устувории қарзҳои хурду миёна (минбаъд - ҚХМ) барои дастрасии молиявии табақаи осебпазири аҳолӣ тавассути афзудани устуворӣ ва коҳиш додани тағйирёбии иқлим равона шудааст, ки ин барои гузариш ба иқтисодиёти камкарбон, даврагӣ ва устувор муҳим арзёбӣ мегардад. ТҚМ бояд ташаббусҳои мақсаднокро оид ба тавсеаи маблағгузории ҚХМ бо таваҷҷуҳ ба бахшҳои мушаххаси устувор/фарогир дастгирӣ кунанд. Қарорҳо дар бораи маблағгузории устувори ҚХМ ҳалли мушкилиҳои ЭИИК, масъалаҳои нобаробарӣ, фарогирӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, пешгирии ифлосшавӣ ва иқтисодиёти даврагӣ мусоидат хоҳанд кард. ТҚМ самтҳои афзалиятноки маблағгузории ҚХМ устуворро муайян намуда, ба маблағгузории лоиҳаҳои занони соҳибкор, корхонаҳои тиҷоратии дар деҳот бунёдшуда, лоиҳаҳои соҳибкории нав, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, маъюбон ва ғайра афзалият диҳанд.

## 5. ХИЗМАТРАСОНИИ САБЗ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

29. Соҳаи суғурта фаъолияти худро баҳри коҳиш додани зарар аз сӯхтор, заминҷунбӣ, офатҳои табиӣ ва дигар офату зарарҳои ҳаёти ҷомеа

равона менамояд. Тағйирёбии иқлим дар сайёра суғуртакунандагонро водор месозад, ки усулҳои пешгирии талафотро вобаста ба тағйирёбии иқлим дар фаъолияти худ татбиқ намоянд ва маҳсулотеро таҳия ва пешниҳод кунанд, ки зиёни эҳтимолии суғурташавандагон, давлат ва худи ташкилотҳои суғуртавиро коҳиш диҳад.

30. Суғуртаи сабз/ё устувор хизматрасонии суғуртавиест, ки банақшагирӣ, истеҳсол ва истифодаи маҳсулоти сабз ё пайомади онҳоро, ки аз истеҳсол ва истеъмолашон вобаста аст, муайян менамояд. Ҳамзамон, ин хизматрасонӣ суғуртаи оқибатҳои экологии қарорҳои муайянкунандаи (қабулкардаи ё қабул накардаи) роҳбаронро дар натиҷаи оқибатҳои экологӣ ҷуброн мекунад.

31. Хизматрасониҳои асосии суғуртаи сабз/ё устувор, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд дар амал татбиқ шаванд, инҳоянд:

- суғуртаи маблағгузории лоиҳаҳои сабз – пешниҳоди тахфиф ба суғуртакунии лоиҳаҳои экологии марбут ба кишоварзӣ, энергияи барқароршаванда, саноати тоза ва амсоли инҳо, ки ҳадафашон кам кардани партовҳо ба муҳити зист ва пешгирии ихроҷи газҳои гулхонаӣ мебошад;

- суғуртаи молу мулки сабз – суғуртаи амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ ба талаботҳои иқтисоди сабз ҷавобгӯ буда, аз маҳсулоти тибқи стандартҳои экологӣ сохта шудааст (пешниҳоди тахфиф ҳангоми азнавсозии молу мулки зарардида тибқи талаботи иқтисодиёти сабз ва истифодаи таҷҳизоти пешгирикунадаи ихроҷи газҳои гулхонаӣ;

- суғуртаи воситаҳои нақлиёти сабз – пешниҳоди тахфиф барои истифодабарии воситаҳои нақлиёти гибридӣ ва барқӣ инчунин тахфиф барои иваз кардани воситаи нақлиёти бо сӯзишворӣ ҳаракаткунанда ба воситаҳои нақлиёти сабз;

- суғуртаи корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ пешниҳоди тахфиф ба лоиҳаҳои сохтмоние, ки маҳсулоти аълосифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истифода шуда, боиси паст кардани хавфи ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ мегардад;

- суғуртаи борҳои сабз – тахфиф барои суғуртаи интиқоли борҳое, ки ба иқтисоди сабз вобастагӣ доранд;

- суғуртаи кишоварзии сабз – суғуртакунонии соҳаҳои кишоварзӣ аз офатҳои табиӣ, ба монанди бориши аз ҳад зиёди барф ё борон, обхезӣ, тӯфон, сел, яхбандӣ, намии аз меъёр зиёд, хушксолӣ, камобӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ;

- суғуртаи экологӣ – намуди суғуртае, ки барои ҳимояи муҳити зист аз офатҳои гуногуни табиӣ ва техногенӣ равона гардида, объекти он пешгирии

партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи таҷҳизоти камкунандаи партови газҳои гулхонаӣ ба муҳити зист, инчунин пешгирии хавфҳои табиӣ, ба монанди обхезӣ, боришот, тӯфон ва хушксолӣ ба ҳисоб меравад;

- суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ аз ифлосшавии муҳити зист – намуди суғуртае, ки пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ, молу мулки шахсони сеюм ва муҳити зист дар натиҷаи ихроҷи газҳои гулхонаӣ ва ҳифзи ҷангалзорҳо пешбинӣ менамояд.

32. Ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд дар баробари намудҳои суғуртаи дар банди 31 Роҳнамои мазкур пешбинишуда, инчунин дигар намудҳои суғуртаро, ки татбиқи иқтисодиёти сабз мусоидат мекунанд, таҳия ва пешниҳод намоянд.

## 6. ВОМБАРГҲОИ САБЗ

33. Барориши вомбаргҳои сабз барои эмитент ва барои сармоягузор воситаи хеле муфид мебошад, зеро бо интишори вомбарг эмитент маблағи зарурӣ ба даст меорад ва сармоягузор бошад фоиз ва маблағи асосиро мегирад. Эмитенти вомбаргҳои сабз маблағи сармоягузоронро барои коҳиш додани тағйирёбии иқлим ва мутобиқ намудани он ба лоиҳа ва фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ судманд ҷалб намояд.

34. Ҳадафи асосии маблағгузории вомбаргҳои сабз барои ТҚМ мусоидат ба сармоягузории лоиҳаҳои сабз мебошад.

35. Барориши вомбаргҳои сабз бояд ба принсипҳое, ки Ассотсиатсияи байналмилалии бозорҳои сармоя (International Capital Market Association (ICMA)) муқаррар намудааст, мувофиқат намояд.

## 7. НАҚШИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ

36. Низоми пардохтӣ ва воситаҳои электронии пардохтӣ дар рушди иқтисоди сабз нақши муҳим мебозанд ва барои таъмини рушди устувор шароити мусоид фароҳам меоранд. Онҳо, дар муқоиса бо хизматрасонии анъанавии коғазӣ, алтернативҳои самаранок, дастрас ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи пардохтҳои ғайринақдиро пешниҳод менамоянд. Истифодаи низоми пардохтӣ ва воситаҳои электронии пардохтӣ ба коҳиши истифодаи захираҳои моддӣ мусоидат мекунад, аз ҷумла:

- талабот ба пули нақд ва пардохтии коғазиро кам карда, бо истифода аз ҳуҷҷатҳои молиявии электронӣ истеъмоли коғаз ва истеҳсоли партовҳоро коҳиш медиҳад;

- иваз кардани ҷараёнҳои анъанавӣ бо ҳуҷҷатҳои молиявии электронӣ ба кам кардани миқдори партовҳо ва содагардонии раванди нобудсозии онҳо мусоидат мекунад;
- хизматрасонии фосилавӣ тавассути платформаҳо, сомонаҳо ва воситаҳои электронии пардохтӣ ба муштариён имкон медиҳад, ки бидуни ташриф ба муассисаҳо аз хизматрасонӣ истифода баранд, ки ин низ ба коҳиши истифодаи захираҳои моддӣ мусоидат мекунад.

37. Рушди низоми пардохтӣ ва истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ раванди кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва таъмини шаффофият дар равандҳои хизматрасонӣ, ташвиқи рафтори экологӣ миёни истеъмолкунандагонро тақвият мебахшанд.

38. Тавсия дода мешавад, ки барои гузариш ба иқтисоди сабз татбиқи технологияҳои молиявии рақамӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии пардохтӣ, ҷорӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ ва роҳандозӣ намудани раванди ҳуҷҷатгузории электронӣ дар ҳама соҳаҳо пешбинӣ карда шаванд. Чораҳои зикргардида метавонанд истифодаи захираҳои моддиро ба таври назаррас коҳиш диҳанд.

## 8. СКРИНИНГ ВА МОНИТОРИНГ

39. Скрининг – раванди аз ҷониби ТҚМ муайян намудани меъёрҳои санҷишӣ барои пешгирӣ кардани зарари назаррас ҷиҳати коҳиш додан ва мутобиқсозӣ ба тағйирёбии иқлим, инчунин ҳамоҳангии экологӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

40. Ҳангоми скрининг меъёрҳои зерини ноил гаштан ба яке аз ҳадафҳои зерини экологӣ бидуни расонидани зарари ҷиддӣ ба муҳити зист, ки саҳми назаррас доранд, муайян карда мешаванд:
- коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим;
- мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;
- истифодаи оқилонаю самаранок ва ҳифзи захираҳои табиӣ;
- ҳифзи солимии экосистем ва таъмини гуногунии биологӣ;
- пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва мубориза бо тағйирёбии иқлим;
- мусоидат ба устувории захираҳо ва таҳкими рушди босуботи иқтисодӣ.

41. Скрининг ба инобат гирифтани “Рӯйхати истисноӣ” тибқи стандартҳои байналмилаӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ амалӣ карда мешавад.

42. Мониторинг фавран пас аз маблағгузорӣ аз ҷониби ТҚМ ҷиҳати муайян намудани сифати сандуқи қарзӣ гузаронида мешавад. Таҳлили масъалаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ барои арзёбии пешакии лоиҳа дар робита ба устуворӣ муҳим мебошад, аммо устуворӣ дар ҳолате таъмин карда мешавад, ки мониторинги он ба таври фосилавӣ ва ҳам дар маҳал гузаронида шавад.

43. Мақсади мониторинги нишондодҳои муштарӣ баҳодиҳии хавфҳои мавҷуда ва эҳтимолии ЭИИК мебошад, ки ҳангоми гузаронидани амалиёт ба вуҷуд меоянд. ТҚМ бояд риояи талаботи дар бандҳои созишномаи ҳуқуқӣ пешбинишударо риоя намоянд. Раванди мониторинг бояд ҳисоботи таҳлилии даврии ЭИИК-и аз ҷониби муштарӣ пешниҳодшуда ва монитиронги мунтазами фаъолияти муштариро дар бар гирад. Дар ин маврид ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

- баҳодиҳии татбиқи ҳамагуна тадбирҳо ҷиҳати коҳиш додани таъсири онҳо ба нақшаи пешбинишуда;
- мониторинги иҷозатномаи амалкунанда ё иҷозатномаи ЭИИК;
- ҷорӣ намудани ҳамагуна ҷарима ва муҷозоте, ки барои риоя накардани талаботи ЭИИК пешбинӣ шудааст;
- ҳисоботи мақомоти назораткунанда оид ба мувофиқат ба талабот ва зиёд набудани андозаи партовҳо аз меъёри муайяншуда;
- ҳама гуна шикоятҳое, ки нисбат ба муштарӣ пешниҳод мекунанд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

44. Ба ТҚМ ва ТС тавсия дода мешавад, ки стратегияи солонаи худро дар асоси бақияи сандуқи қарзии соли қаблии худ таҳия намуда, дар оғози соли тақвимӣ буҷети солонаи худро барои маблағгузорӣ ва хизматрасонии сабз (устувор) ба нақша гиранд.